Суханронии ҷаноби  Шабдан Абдураим уулу,
Муовини раиси вилояти Нарин дар маросими хатмкунии Мактаби илмҳои гуманитарӣ, табиатшиносӣ ва дақиқи Донишгоҳи Осиёи Марказӣ

Нарин 21-уми июни соли 2025

Устодон, падару модарон ва меҳмонони гиромӣ!
Мухтарам чаноби Шамш Кассим-Лакха,
Муҳтарам ҷаноби Баркат Фазал,
Муҳтарам ҷаноби Кристофер Герри,
Хатмкунандагони азиз!

Имрӯз барои шумо рӯзи таърихӣ аст. Дониш, арзишҳо ва дӯстие, ки шумо дар даруни ин бино омӯхтед, на танҳо охири як боб, балки оғози сафари тӯлонии шумо мебошанд. Ман ҳар яки шуморо бо ин комьёбии шоёни таҳсин аз самими дил табрик менамоям!

Мехоҳам таъкид намоям, ки Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Нургожоевич Жапаров ҳомии Донишгоҳи Осиёи Марказӣ мебошад. Ва ин донишгоҳ танҳо як муассисаи таълимии вилояти Нарин нест, балки шарики стратегии мо дар соҳаи маориф, илм ва навоварӣ мебошад.

Дар минтақаи мо маориф як бахши ҳаётан муҳими иқтисод ба ҳисоб меравад. Он на танҳо хидматрасонии иҷтимоӣ, балки муҳаррики воқеии иқтисодӣ аст. Танҳо дар ду соли охир ба вилояти Нарин қариб 170 миллион доллар сармояи мустақими хориҷӣ ҷалб шудааст, ки ин нисбат ба 30 соли қаблӣ се маротиба бештар аст. Барои нигоҳ доштани ин суръат ба мо чӣ лозим аст? Муҳимтар аз ҳама, ба мо одамони баландихтисос - на танҳо дорандагони диплом, балки одамони дорои малака ва таҷрибаи воқеӣ лозиманд.

Ин аст, ки мо ба илм ва маориф диққати ҷиддӣ медиҳем. Дар ин замина инфрасохтори Донишгоҳи Осиёи Миёна аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Аз ин рӯ, ман ба роҳбарияти донишгоҳ, аъзоёни Шӯрои парасторон ва дигар шахсони масъули қабули қарор муроҷиат мекунам, ки лутфан марҳилаҳои навбатии сохтмони шаҳраки Наринро тезонед. Ин на танҳо вазифаи аввалиндараҷаи ҳукумат, балки талаби ҷомеаи маҳаллӣ низ мебошад. Мо боварй дорем, ки шумо низ муҳим будани ин масъаларо дарк мекунед.

Имрӯз мо як лоиҳаи муҳимеро бо номи "Таҷдиди Нарин" – ташаббуси минтақавии рушди шаҳрсозӣ амалӣ карда истодаем. Коршиносони Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар марҳилаҳои аввали амалӣ намудани ин лоиҳа саҳм гузоштанд. Ин нишонаи равшани ҳамкорию шарикии ҳақиқӣ аст.

Хатмкунандагони муҳтарам,

Дар ҷаҳони имрӯза танҳо доштани дониш кофӣ нест. Ба шумо қобилиятҳои ҳақиқӣ, мутобиқшавии баланд, истифодаи малакаҳои нарм ва сахт, ва пеш аз ҳама арзишҳо лозиманд. Дар зиндагиатон ба ҳар ҷо ки равед ва ҳар кӣ хоҳед шуд, фарҳангу забон ва

анъанаҳои халқи худро ҳеҷ гоҳ фаромӯш накунед. Ҳеҷ гоҳ фаромӯш накунед, ки шумо қирғиз ҳастед. Шахсе, ки аз решахои маънавии худ канда шудааст, албатта роҳи зиндагии худро ҳам дар ҷаҳони беруна ва ҳам дар ватани худ гум мекунад.

Мо - ҷавонон, ва ман худамро ҳам чунин меҳисобам, бояд шахсоне бошем, ки гузаштаро иззату эҳтиром кунем, дар замони ҳозира хуб зиндагӣ кунем ва барои оянда меҳнат ва саҳгузорӣ кунем. Шумо насли ояндасоз ҳастед.

Дар хотима ба ҳамаи шумо муваффақият таманно дорам! Зиндагӣ бароятон нуқтаҳои зиёди гардишро пешкаш мекунад. Бигзор дар ҳар як интихоб, дар ҳар як қарори шумо рисолати олии хидмат ба халқу сарзамини худ ва миллати қирғиз дар дилатон бошад.

Бигзор Худованди мутаъол Қирғизистони моро ҳамеша ҳифз кунад ва барои рушди Нарин ва тамоми гӯшаву канори он раҳмати хоса ато кунад!